# ЭЪЛОМИЯИ
# БУНЁДИ ШАҲИД ФАҲИМИ ДАШТӢ
# БА МУНОСИБАТИ ДУВУМИН СОЛРӮЗИ ШАҲОДАТИ
# МУҲАМАД ФАҲИМИ ДАШТӢ

№ 2, 5-уми сентябри соли 2023

Ду сол қабл дар чунин рӯзе гурӯҳи муздури Толибон бо силсилаи ҷиноёти гузаштаашон Фаҳими Даштӣ – рӯзноманигор, нависанда, фаъоли маданӣ ва яке аз чеҳраҳои маъруфи расонаии Афғонистонро дар дараи Панҷшер ба шаҳодат расонданд. Толибони террорист бидуни риояти арзишҳои инсониву исломӣ инсонеро аз зиндагӣ ва хизмат ба мардуми кишвар маҳрум карданд, ки ҷуз ба адолату озодӣ ба чизи дигар намеандешед.

Даштӣ беш аз ду даҳаи гузашта дар Афғонстон ҳеҷ вазифаи давлатиро напазируфт ва тамоми талошу саъйашро дар таъмини озодии баёну озодии расонаҳо бахшид. Ӯ ҳамеша ба унвони мудофеъи хабарнигорон аз озодии баёну ҳуқуқи синфии рӯзноманигорон ҳимоят мекард. Даштӣ борҳо ба хотири пойдориаш дар дифоъ аз арзишҳое чун озодии баёну ҳаққи дастрасӣ ба иттилоот бо мақомоти қудрату сарват дарафтод, аммо ҳамеша аз ин гирудор сарбаланду сурхрӯ бурун омад, зеро ӯ инсони озодае буд, ки ҳаргиз фирефтаи сарват нашуд ва ба ҳамин далел ҳеҷ гоҳ дар баробари ҳеҷ зӯрмнде сари итоат фурӯд наёвард.

Даштӣ нахустин хабарнигоре буд, ки пас аз ба қудрат расидани дубораи Толибон дар 15-уми августи соли 2021, тавассути ин гуруҳи террористӣ хилофи тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои инсонӣ ба шаҳодат расид. Фаҳими Даштӣ орзу дошт, то Афғонистон кишваре бошад мураффаҳ, озод ва тавсеаёфта. Ӯ фурсат наёфт, то таҳаққуқи ин орзуи хешро бубинад, аммо насли ҷадиди хабарнигоронро тарбият кард, ки имрӯз бо ҷиддияти тамом дар раъси итилоъи расонаӣ ва расондани садои мардуми мазлуму дарбанди кишвар ба гӯши ҷаҳонён шуҷоъона дар хатти муқдами муборизаи маданӣ дар баробари низоми мустабиди Толибон истодаанд. Шаҳид Даштӣ орӣ аз ҳар навъ таассуб хатти итилоърасонии бетарафонаву маслакиро барои хабарнигорони ҷавони кишвар ба расмият даровард. Бетардид ӯ барои чандини насл аз хабарнигорони кишвар улгу ва сармашқ хоҳад буд.

Шаҳид Даштӣ тули бист соли гузашта дар самтҳои мудири масъули ҳафтаномаи "Кобул", раиси Иттиҳоди миллии журналистон, муовини комиссияи дастрасӣ ба иттилоот ва муовини Кумитаи муштараки расонаҳо ва ҳукумат, масдари хадамоти арзандае чун талош барои тадвину тасвиби қонуни расонаҳои ҳамагонӣ, қонуни дастрасӣ ба иттилоот, муқаррараи тарзи таъсису фаъолияти расонаҳои хусусӣ ва тарзи амали пӯшиши рӯйдодҳои террористӣ, тавонист заминаи тилоии расонаи солим ва ба дур аз нуфузи ҳукуматро фароҳам оварад.

Шаҳид Даштӣ дар кори маслакӣ мулоҳизаи ҳеҷ гуна равобити сиёсӣ, қавмӣ ва забониро намекард. Ба ҳамин далел ҳафтаномаи "Кобул" яке аз расонаҳои муътабари кишвар дар дар бист соли гузашта шинохта мешавад. Даштӣ ба озодӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар кишвар ишқ меварзид ва ҳамин ишқ сабаб шуд, ки огоҳона ба сафи муқовимат дар баробари султаи ҷобиронаи толибонӣ бипайвандад.

Шаҳид Даштӣ пас аз таслимдиҳии Афғонистон ба гурӯҳи террористии муттаассибу мутаҳаҷҷири Толибон мубориза ва муқовимат дар баробари ин гуруҳи даҳшатафканро роҳи ягонаи наҷоти кишвар аз чанголи терорризми ҷаҳонӣ медонист. Ӯ бовар дошт, ки Толибон бо сохтори фикрӣ ва идеологӣ ки доранд, на аҳли тағйиранд ва на тавони овардани ислоҳоти фикриро доранд. Ӯ мутмаин буд, ки Толибон бояд аз аркаи қудрат ба зер кашида шаванд. Дар ғайри он ҳамаи озодиҳои машруъу қонунии мардум салб хоҳад шуд.

Инак, ду соли пас аз даргузашти Даштӣ, мардуми Афғонистон ва ба вижаи бонувони сарзамини мо аз тамоми ҳуқуқи маданӣ ва сиёсии хеш маҳруманд, сонсур қабл аз нашр ба шиддат идома дорад, расонаҳои дохили кишвар таҳти таъқиби истибдод ва гулугири Толибон ёрои нафас кашиданро надоранд. Хабарнигорон пайваста тавассути ин гурӯҳ зиндонӣ шуда ва мавриди шиканҷа қарор мегиранд, қотилон ба беш аз сад хабаргузорӣ ва расонаҳо ҳоким шудаанд. Дунё аз хуни хабарнигорон ва ҳазорон фарди мулкӣ, ки ба дасти Толибон кушта шудаанд, чашм пӯшида ва дар пайи муомила бо гурӯҳе ҳастанд, ки худ номи раҳбарони онҳоро шомили феҳристи сиёҳ карда буданд.

Толибон камокон бо тамоми қудрат ҳуқуқи башарро дар Афғонистон нақз мекунанд; тибқи иттилои гузоришгари Созмони Милали Муттаҳид Ричард Бенти санаде ошкор аст, ки мушкилооти нақзи ҳуқуқи башар тавассути ин гурӯҳи террорист дар Афғонистон ба амал баровaрда мешавад.

Бунёди Даштӣ пойбанд ба ормонҳои шаҳиди роҳи итилоърасонии Афғонистон Фаҳим Даштӣ буда ва талош меварзад сангари ормонҳои Даштӣ холӣ гузошта нашавад; мо барои ба ҳақиқат расидани ҳуқуқи хабарнигорони мазлуми кишвар, чи занон ва чи мардон лаҳзае диранг нахоҳем кард.

Номи ҷовидонаи шаҳид Даштӣ ҳамеша бар тораки таърихи Афғонистон нақш хоҳад буд. Мардум ва хабарнигорони Афғонистон хотироту муборизоти Даштиро ҳеҷ вақт фаромӯш нахоҳанд кард.